# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус)

Ҳасанзода Хуршед Раҷаб ба ҳайси докторант дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бо фармоиши бо фармоиши №267, аз 30 сентябри декабри 2021 қабул шуда, таи солҳои 2021-2025 фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мазмуни муҳтавои рисолаи илмии унвонҷуи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» татбиқи талаботҳои «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» дар бар гирифта, тибқи иҷрои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудаастба анҷом расидааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот таҳқиқи хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ мебошад. Таҳсилоти фарогир дар ҳамаи муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ талаботи замон ва ҷомеаи муосир буда, аз он Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, дунявӣ ва ягона берун буда наметавонад. Кишвари мо ба фазои ягонаи таҳсилотӣ ворид гардида, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ҳамарӯза истифода мебарад.

Бояд қайд кард, ки имрӯз дар зинаи таҳсилоти томактабӣ соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла логопедии кишвари мо дар баробари дигар масъалаҳои мавҷудаи самти таҳсилоти фарогир, нақш ва вазифаашон дар самти кор бо кӯдакони нуқсони нутқӣ таҳқиқотҳо бурда мешаванд. Мавзуи мазкур актуалӣ буда, мақсади таҳқиқотро омӯзишу таҳлили ҷанбаҳои равонӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои нутқӣ дошта ва истифодаи амалии методу усулҳои босамари ислоҳӣ, ки

барои бартарафсозии онҳо дар шароити таҳсилоти фарогир равона шудаанд, дар бар мегирад.

Дар доираи ин тадқиқот вазифаҳои фароҳам овардани шароитҳои педагогии таълиму тарбия вобаста ба хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, коркарди амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола бо истифода аз роҳу усулҳои таъсиркунанда ба ин раванд (намудҳои гуногуни машғулиятҳо, фаъолиятҳо, иштироки оила, ҳамоҳангсозии кори мураббия ва логопед) муайян гардида, барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем" вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсони нутқии кӯдакон дар муҳити таҳсилоти фарогир коркард ва мавриди санҷиш қарор ёфтааст.

Навгонии илмии кор аз он иборат аст, ки унвонҷӯ хусусиятҳои равонӣ-педагогии бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабиро ҳамчун системаи мукаммал, ки тамоми ҷанбаҳои инкишофи нутқро дар бар мегирад, муайян намуда, шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсони нутқдошта дар муассисаи таълимии томактабӣ мавриди истифода қарор додааст. Амсилаи педагогии таҳқиқу омузиши роҳҳои бартарфсозии нуқсони нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар муассисаи таълимии томактабӣ таҳия ва дар асоси он роҳу воситаҳои мушаххаси педагогиро барои татбиқи босамари он дар муҳити таҳсилоти фарогир пешниҳод намудааст. Яке аз муҳимтарин вазифаи гузошташударо дар рафти таҳқиқот, ки татбиқи босамари Барномаи кории "Дуруст нутқ карданро меомӯзем"-ро дар бар мегирифт, вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсони нутқии кӯдакон дар муҳити таҳсилоти фарогир мавриди озмоиш қарор доданд. Таҳлили натиҷа, таркиб ва хулосабарорӣ аз баргузории озмоишҳои назоратӣ ва асосӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии бадастомада оварда шуда, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот исбот гардидааст.

**Дар боби 1 - Боби якум "Заминаҳои таҳқиқи психологӣ-педагогии кӯдакони синну соли томактабии дорои нуқсонҳои нутқидошта"** номгузорӣ шудаастаҳлили психологӣ-педагогии масъалаи нуқсонҳои нутқӣ дар адабиётҳои илмӣ-методӣ " қайд мегардад, ки дар ҳаёти инсон нутқ басо муҳим буда, яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ хеле бамаврид қайд намудааст, ки давраи томактабӣ давраи хеле муҳим дар ташаккулёбии шахсияти инсон аст. Ин давра дар илми равоншиносӣ бо номи давраи сензитивии инкишоф, яъне давраи мувофиқ барои аз худ намудан ва инкишофёбӣ дониста шудааст.

Маҳз дар ин давра имконияти ислоҳ ва маҳдуд намудани ноқисиҳои инкишофи ақлию ҷисмонӣ вуҷуд доранд, ки мушкилоти рушди кӯдак вобаста ба синну сол бартараф хоҳад шуд.

Нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷиро оварда, қайд мекунанд, ки нутқ ин ухдадории мураккаб аст ва рушди он ба сабабҳои бисёр вобаста аст. Дар ин ҷо накши муҳимро таъсири муҳити атроф мебозад. Кӯдак гапзаниро дар асоси нутқи падару модар, тарбиятгару атрофиён ёд мегирад. Барои кӯдак аз синни хурдӣ нутқи бурро ва мутассири атрофиён бисёр муҳим аст. Дар бисёр ҳолатҳо нуқсони нутқ сабаби қафомонӣ ва аз худ карда натавонистани барномаи таълим ва қафомонии кӯдак мегардад. Мавҷуд набудани дараҷаи кофии захираи луғавӣ, ташаккул наёфтани сохти грамматикии талаффузи нутқ ва нодуруст талаффуз кардани садоҳо ба кӯдакон имконият намедиҳад, ки баробари кӯдакони солим пеш раванд. Самаранокии фаъолиятҳо аз кори мунтазам ва системавӣ вобаста аст. Фаъолиятҳои ҳамкорӣ байни волидон ва муаллимон, ки барои шинос кардани кӯдакон бо ҷаҳони атроф равона шудаанд, ба васеъ ва такмили луӯати онҳо, инчунин азхуд кардани шаклҳо ва категорияҳои грамматикӣ мусоидат мекунанд.

**Дар боби дуюм “Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ ”** дида баромада шуда, тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир таҳлил гардидааст.

Бо мақсади дастрас намудани таълим ва маълумотгирии баробар ва босифат ба ҳамаи кӯдакон мактабҳои таълимии таҳсилоти фарогир накшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, метод ва шаклҳои таълим, ғановатҳои моддию маънавиро бояд барои қонеъ гардондани талаботи кӯдакони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта мувофиқ намоянд. Салоҳияти мураббияи таҳсилоти фарогир ба салоҳияти махсуси касбӣ дохил шуда, аз мураббия иҷро намудани вазифаҳои касбиро дар ҷараёни таҳсилоти фарогир бо ба назар гирифтани талаботҳои гуногуни кӯдакон ва ба вуҷуд овардани муҳит барои рушд ва худинкишофдиҳӣ онҳо талаб мекунад.

Яке аз хусусиятҳои характерноки талаффузи кӯдакони нутқашон инкишоф наёфта дар таркиби нутқашон мебошад. Лекин восита ва методҳои коркардашудаи , роҳи ҳали бисёр мушкилотҳоро бо. ин категорияи кӯдаконро равшан намуда, роҳу воситаҳоро дастрас гардонид. Дар рисолаи илмӣ машқҳо барои рушд ёфтани мушакҳои содаи аппарати талаффузкунӣ, ки кӯдакро барои дуруст талаффуз намудани овозҳо омада менамояд, пешниҳод гардидааст. Муваффақият дар бартараф кардани таъхирҳои нутқ асосан аз синну соле вобаста аст,

ки логопедҳо ба кӯдак кӯмак мекунанд. Дар ин раванд мавқеи машғулиятҳо басо муҳим буда, аз муҳимтарин вазифаҳои омодасозии кӯдакон ба мактаб ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамин ҳам докторант онҳоро дар доираи Барномаи кори «Дуруст нутқ карданро меомӯзем», ки барои ташаккулдиҳии маҳорати ҷудо карда тавонистани овоз дар таркиби калимаҳо, ҷойгиркунӣ ва муайяннамоии мавқеи ҷойгиршавии овозҳо дар таркиби калимаҳо, яъне таълими таҳлили овозии калима мебошад, дар рафти озмоишҳои педагогӣ мавриди истифода қарор додааст.

**Дар боби сеюм "Таҳқиқи озмоишии хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир "** дида шудааст.

Дар фасли якуми боби сеюм "Озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он " қайд мегардад, ки назария ва амалияи таҳсилоти фарогир – дар якҷоягӣ ба таҳсил фарогирии бачагони имконияти маҳдуддошта ва солимро роҳандозӣ менамояд. Амалӣ гардонидани ин раванд омодагии мураббия, таъминоти методию барномавӣ ва таъмин намудани муҳити фарогир барои ҳамаи иштирокчиёнро талаб менамояд. Мақсади асосии тадқиқоти мазкур дар он мебошад, ки хусусиятҳои фаҳмидани нутқи кӯдакони нуқсони нутқдошта кушода шавад. Озмоиш се давраи марҳилаи таҳқиқотро дар бар гирифта, синну соли кӯдакони аз 4-5 сола то ба синни 7 сола расидани кӯдакони мавриди озмоиш қароргирифтаро да бар мегирад.

Мақсади асосии тадқиқоти мазкур дар он мебошад, ки хусусиятҳои фаҳмидани нутқи кӯдакони нуқсони нутқдошта кушода шавад. Муҳаққиқ дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ аз методу усулҳои гуногун васеъ истифода намудааст. Аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, пайдарҳамӣ, бомазмунии нутқ кор бурда, инчунин ба талаботҳои умумии барқарор гардидани нутқи кӯдак такя карда, хусусиятҳои бартарфсозии нутқонҳои нутқиикӯдакони ин гурӯҳро ҳамаҷониба мавриди озмоиш қарор додаст.

Ташкил намудани таълим ва таҳсилоти фарогир аз мураббиёни кӯдакистон талаб менамоянд, ки доир ба хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак: шавқу раѓбат, имконияту талабот, сифатҳои шахсӣ, нуқсонҳои асабу равонӣ ва ҷисмонии онҳо маълумот ҳосил намуда, роҳу усулҳои маҳсулнокии таъсиррасониро интихоб намоянд.

1. Муваффақияти корҳои ислоҳӣ асосан аз иштироки волидон ва муносибати бошууронаи онҳо вобаста аст. Волидон бо фароҳам овардани имкониятҳо барои машқ намудан дар муоширати шифоҳии озод ба кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Ин ба тақвияти малака ва

қобилиятҳои нутқ дар ҳаёти ҳаррӯза мусоидат мекунад. Логопед низ бояд ба кӯдакон ҳолати қисмҳои гуногуни узвҳоро ҳангоми талаффуз намудани овозҳо фаҳмонад ва нишон диҳад. Дар ин ҳолат кори инфиродӣ кӯмаки зиёд мерасонад. Кӯдакон шарҳи логопедро мешунаванд, ҳолати лабҳо, забон ва дандонҳоро мушоҳида мекунанд ва тарзи талаффузи худро дуруст мекунанд. Аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, дурустӣ, пайдарҳамӣ ва бомазмунии нутқ кор бурда шавад.

Дар **хулосаи** диссертатсия натиҷаи корҳои баанҷорсида ва тавсияҳо оварда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Илм дар бораи ихтилоли нутқ, усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; банди 4.2. – Сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; системаи корҳои ислоҳӣ; таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагарӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун додаҳои таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия дида мешавад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 13 мақолаи илмӣ, ки 4-тоаш дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 номгӯй дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Дар давраи кор унвонҷӯ Ҳасанзода Хуршед Раҷаб худро ҳамчун шахсияти кордону нуктасанҷ, масъулиятнок ва қавиирода нишон дода, доимо аз болои баланд бардоштани маҳорати касбии худ кӯшиш менамояд.

Ҳасанзода Хуршед Раҷаб бо маърӯзаҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва ҳисоботҳо дар шуъбаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромад намуда, аз натиҷаҳои

таҳқиқот мақолаҳои илмиро дар матбуоти ҷумҳурӣ ва берун аз он чоп намуданд.

Муносибати инсонӣ ва одоби омӯзгорӣ ба ӯ хос буда, пешаи худро дӯст медорад, ҳамвора пайи ҷустуҷӯ ва пажӯҳиш аст. Заҳматкашӣ, пуркорӣ ба ӯ имкон додааст, ки дар соҳаи илму таълиму тарбия ба муваффақиятҳо ноил шавад.

Хулоса, таҳқиқоти Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ», кори мустақилона ба итмомрасидаро ифода намуда, дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагогӣ зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус) пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои педагогӣ,
сармутахассиси шуъбаи педагогика
ва методикаи таълими
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова
Ҷамила Сайфуллоевна

08.01.2026

Имзои Ҷ. Ҳакимоваро тасдиқ мекунам.

Нозири бахши кадрҳо ва коргузорӣ
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Саидова М.